**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-074-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих (24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг) Ҳусайнов А.Қ. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг) Султонзода С.А. (аъзо) ва номзади илмҳои фарҳангшиносӣ (24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг) Шомуродов Б.Б. (аъзо) диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи "Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, хулосаи хешро ба тариқи зайл манзур менамояд.

1. Диссертатсия ба таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу баррасии фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021) бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар муқаддима бамаврид таъкид мекунад, ки экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ як қисми таркибии фаъолияти осорхонаҳо маҳсуб ёфта, дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик нақши бориз доранд. Вале, мавзуи мазкур аз ҷумлаи он мавзуҳое маҳсуб меёбад, ки то кунун таваҷҷуҳи муҳаққиқону пажуҳишгаронро ба таври бояду шояд ба худ ҷалб накардааст. Бинобар ин, аз нигоҳи осорхонашиносӣ ва фарҳангшиносӣ мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор додани фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон айни замон хеле муҳим ва мувофиқи мақсад мебошад. Таҳқиқи анҷомдодаи унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, дар он хусусиятҳои фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонавӣ ба таври возеҳ ва муфассал инъикос ёфтааст. Мавзуи баррасишаванда ба яке аз шохаҳои муҳими илми фарҳангшиносӣ равона гардидааст, ки натиҷаи он метавонад барои рушди ҷамбаҳои гуногуни фарҳанги миллии тоҷикон, аз ҷумла рушди масъалаҳои осорхонашиносӣ дар Тоҷикистон мусоидат намояд.

2. Навгонии асосии таҳқиқ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз оид ба фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-

2021) диссертатсияи алоҳидаи илмӣ рӯйи кор наомадааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия ба таври муфассал маълумот оид ба назарияи осорхонашиносӣ, таърихи ташаккул ва пайдоиши осорхонаҳо, роҳҳои асосии ташкили экспозитсияи осорхонавӣ, ороиши бадеӣ ва истифодаи технологияи муосир дар фаъолияти осорхонавӣ, зарурати танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рӯшноӣ дар экспозитсияи осорхонавӣ шарҳу тавзеҳи муфассал ёфтаанд. Дар ин замина, аз натиҷаи таҳқиқот аввалин феҳристи намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 таҳия гардидааст, ки комиссия ба мазмуну муҳтавои онҳо комилан мувофиқ ҳастанд.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ ба мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмии соҳаи фарҳангшиносӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисмҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошад. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-июни соли 2023, № 161 шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021 таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

5. Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф дар **13** мақолаи илмӣ, ки аз онҳо **6** мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионии назди маориф ва илми Федератсияи Русия ва 7 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, ки мазмуни онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита алоқамандӣ доранд. Автореферати

диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

6. Дар диссертатсияи Ҷалолов Б.Ф. истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-074-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ва мақолаҳои таълифкардаашон ба ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Иброҳимов Муродалӣ Файзалиевич** – доктори илмҳои таърих, ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ ва таълимии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ;

- **Боймуродова Зулола Қаҳоровна** – номзади илмҳои таърих, сардори бахши сифати таҳсилоти Муассисаи давлатии “Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов”.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии “Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон” пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ҳусайнов А.Қ.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Султонзода С.А.

номзади илмҳои фарҳангшиносӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шомуродов Б.Б.

Тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ А. Мустафозода
“27” марти соли 2024